# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 марти соли 2023, № 23 дар бораи сазовор донистани Хоҷазода Фурқат Файзалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 24.12.2022, суратмаҷлиси №12 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, № 15/шд 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Хоҷазода Фурқат Файзалӣ 27-уми январи соли 1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 1996 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2001 хатм кардааст.

Аз соли 2001 то ин ҷониб дар вазифаҳои гуногуни мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Солҳои 2019-2023 адъюнкти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Мавзуи диссертатсия – Мавзуи диссертатсия – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.03.2019, протоколи №10 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 13.06.2022, №113 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 4 «хуб», 10.02.2021 с.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 «хуб», 13.03.2021 с.
3. Ихтисос – 12.00.08. – 5 «аъло», 10.06.2022 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи

муштараки кафедраҳои дахлдори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, аз аз 7 июли соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шарипов Такдиршоҳ Шарифович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризи расмӣ: Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия;

**Муқарризи расмӣ: Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷорат ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда:** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон», (ш. Хуҷанд), дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби муқарриз Ғаффорӣ Н.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба имзо расида, аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – доктори илмҳои иқтисод, профессор Шарифзода Мӯъмин Машокир тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Хоҷазода Ф.Ф. Нишонаҳои объективии пинҳонкунии пешакӣ ваъданашуда [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. - №5. Қисми II – С. 247-252. ISSN 2413-5151

2. Хоҷазода Ф.Ф. Таркибҳои мустақили ҷиноят ҳамчун намуди дахлдорӣ ба ҷиноят дар мисоли қонунигардонии даромадҳои дар натиҷаи ҷиноят бадастоварда [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №2. – С. 196-200. ISSN 2413-5151

3. Хоҷазода Ф.Ф. Падидаи даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии хориҷӣ [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - №2 (26). – 2022. – С. 165-176. ISSN 2414-9217

4. Хоҷазода Ф.Ф. Таърихи пайдоиш ва ташаккули институти даст задан ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. - №3(27). – 2022. – С. 160-173. ISSN 2414-9217

5. Хоҷазода Ф.Ф. Проблемаҳои асосҳои объективии принсипи тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №5. – С. 254-265. ISSN 2413-5151

6. Хоҷазода Ф.Ф., Шарипов Т.Ш. Баъзе ҷанбаҳои қонунигардонии (расмикунонии) маблағҳои пулӣ, ки бо роҳи ҷиноят ба дастоварда шудааст [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №6. – С. 257-266. ISSN 2413-5151

7. Хоҷазода Ф.Ф., Шарипов Т.Ш. Пайдоиш ва ташаккули падидаи дахлдорӣ ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода, Т.Ш. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №8. – С. 202-216. ISSN 2413-5151

8. Хоҷазода Ф. Ф. Асоси объективии принсипи тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин [Матн]/ Ф. Ф. Хоҷазода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Конститутсия – ҳамчун омили суботи давлат» (05 ноябри соли 2022). – Душанбе: Филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, 2022. – С. 365-379.

9. Хоҷазода Ф.Ф. Танзими қонунгузорӣ ва банду басти саҳлангорӣ ба ҷиноят [Матн]/ Ф.Ф. Хоҷазода// Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (9-уми декабри соли 2022). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 201-211.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Каримзода Ш.** – муовинини вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Буризода Э.Б.** – мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Маҳмадшозода Ф.А.** – муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба мавқеи институти дахлдорӣ ба ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ, даврабандии пайдоиш ва инкишофи институти мазкур, баъзе аз таклифҳо дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пешниҳоду нақтаҳои назари шахсии муаллифи автореферат ва дигар камбудиҳои забониву имлоиро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- баррасии рушди институти дахлдории ба ҷиноят дар Тоҷикистон;

- таҳлили қонунгузории хориҷӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят;

- шарҳи мафҳуми дахлдорӣ ба ҷиноят;

- нишон додани муқаррароти **КҶ ҶТ** оид ба тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои пинҳон кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин;

– тавсифи ҷиноятӣ-ҳуқуқии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда;

– таҳлили иҷтимоию ҳуқуқии соҳиб шудан, нигоҳ доштан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки қаблан ваъдадоданашудае, ки бараъло бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст;

– ошкор намудани аломатҳои ҷинояти хабар надодан дар бораи ҷиноят ва ҷинояткор;

– тадқиқот оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии саҳлангорӣ;

– асосноккунии пешниҳодот оид ба ворид намудани тағйироти зарурӣ ба мазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ироа гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба институти дахлдорӣ ба ҷиноят ҷамъбаст ва густариш медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ саҳми арзанда гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ кумак расонад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** диалектикӣ, мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо истифода шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ ба монади У.А. Азизов, А.И. Сафарзода, Ф.Т. Тоҳиров, Ш.Т. Шарипов, Н.А. Лопашенко, К.Н. Сережкина, А.Д. Макаров ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба институти дахлдорӣ дар амалияи судӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин маводи таҳқиқоти метавонад дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва асосҳои умумии таъини ҷазо истифода шавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти институти шартан татбиқ накардани ҷазо асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзуи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;
- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни дахлдорӣ ба ҷиноят таҳлил гардида, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар судҳои ҷумҳурӣ оид ба институти мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;
- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушду такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба институти дахлдорӣ ба ҷиноят ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар ин самт саҳми назаррас дошта бошанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 марти соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №15/шд 62 тасдиқ гардидааст 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунандаи ҷаласаи**
**муовини раиси Шурои**
**диссертатсионӣ, доктори илмҳои**
**ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, доктори илмҳои**
**ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

**11 марти соли 2023**